Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Нодирзода Сайзароб Сайали дар мавзуи "Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (солҳои 1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) - Душанбе, 2025. - 32 с.

Имрӯз баъзе масъалаҳои мубрами соҳаи китобдорӣ мавриди таҳқиқи амиқу дақиқ қарор гирифта истодаанд. Баррасӣ ва таҳлилу ташхиси марҳалаҳои гуногуни фаъолияти китобдорӣ – библиографӣ аз зумраи масъулиятҳои сангинест, ки дар назди муҳаққиқони ватанӣ қарор дорад. Дар ин радиф таҳқиқи марҳалаҳо ва равандҳои рушди библиографияи тоҷик барои боз ҳам ғанитар гардидани ганҷинаи илму адаб ва рушди соҳаи китобдорӣ дар замони ҷаҳонишавӣ ва пешрафти технологияи муосир хеле зарур аст.

Мавзуи "Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (солҳои 1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот" мутаассифона, то имрӯз ба таври шоиста мавриди таҳқиқ қарор нагирифта буд. Диссертатсияи Нодирзода Сайзароб Сайали, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) навишта шудааст, дар ин самт таҳқиқоти нав ва ҷолибу арзанда ба шумор меравад.

Зимни таҳқиқоти диссертатсионии «Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (солҳои 1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот» муаллиф кӯшиш намудааст, ки ҳадафу вазифаҳои гузошташударо дар сатҳи зарурӣ ба иҷро расонад. Ба назари мо пажуҳиш дар ин самт пеш аз ҳама аз муҳаққиқ масъулияти баландро талаб мекунад. Аз таҳлили муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки муаллиф ба таҳқиқи мавзуъ бо ҳисси масъулияти баланд пардохта, хулосаҳои аз нигоҳи илмӣ басо ҷолибу арзишмандро манзур намудааст, ки онҳо барои ривоҷу равнақи минбаъдаи илму амалияи соҳаи библиографияи миллӣ ниҳоят муҳим арзёбӣ мегарданд.

Автореферат дар ҳаҷми 32 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, дар он зикр шудааст, ки диссертатсия аз муқаддима, ду боб, чаҳор фасл, хулоса, феҳристи манбаъҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда (346 номгӯй), замимаҳо (9 ҷадвал), иборат аст. Ба муаллиф муяссар гардидааст, ки масъалаҳои мавриди пажуҳишро бо як низоми

муайян ва пай дар пай баррасӣ ва ҳаллу фасл намояд. Яке аз хусусиятҳои хоси таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз он иборат аст, ки муҳаққиқ зимни таҳлилу баррасии масъалаҳо аз сарчашмаҳои камёфту нодире истифода бурдааст, ки қисми муайяни онҳо бори аввал, маҳз тавассути ҳамин таҳқиқот, ба таври амиқ, ба доираи пажуҳиши илмӣ ворид карда шудаанд.

Тавре, ки аз таҳлили матни автореферат маълум гардид, муҳаққиқ дар боби аввали диссертатсия, ки «Пайдоиш, таҳаввул ва рушди назария ва амалияи библиографияи тоҷик дар солҳои 1960-1990» унвон дорад, заминаҳои пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули назарияи библиографияи тоҷик дар солҳои 1960-1990–умро баррасӣ намудааст. Дар ин боб раванди шаклгирӣ ва марҳилаҳои ривоҷу равнақи библиографияи давлатӣ ва фаъолияти пурсамари Палатаи китобҳои Тоҷикистон ҳамчун маркази библиографияи давлатӣ, таҳқиқу баррасӣ гардидааст. Мавризи зикр аст, ки солҳои 1960-1990 воқеан, солҳои рушду нумӯъ, шаклгирии библиография ва дар маҷмӯъ, фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон ба шумор меравад. Муаллиф тавонистааст, ки масоили мавриди таҳқиқро зина ба зина мавриди омӯзиши амиқи илмӣ қарор дода, омилҳои асосии пайдоиш, ташаккул, таҳаввул ва рушди афкори библиографишиносии тоҷикро бо далелҳои боварибахш ошкор созад. Ба назари инҷониб ӯ дар ин боб ба ҳадаф расидааст.

Аз матни автореферат бармеояд, ки боби дуюми диссертатсия «Равандҳои таҳаввул ва рушди библиографияи илмӣ-ёрирасон ва тавсиявии тоҷик дар солҳои 1960 1990» ном дошта, зимни баррасии он масъалаҳои марбут ба таҳаввул ва рушди библиографияи илмӣ-ёрирасон ва библиографияи тавсиявии тоҷик ба таври ҳамаҷониба омӯхта шудаанд.

Ба андешаи муҳаққиқ фаъол гардонидани таҳқиқоти илмӣ дар омӯзиши назария, таърих, услуб ва ташкили библиографияи илмӣ-ёрирасон, яке аз шартҳои муҳимми рушди ин намуди библиография маҳсуб меёбад. Муаллиф таҳқиқоти илмии ин ду навъи библиографияро ба риштаи таҳлил кашида, таъкид намудааст, ки «Дар Тоҷикистон ин вазифаҳои пурмасъулият бар души Китобхонаи маркази илмии Академияи фанҳои ҶШС Тоҷикистон (ҳоло КМИ ба номи И. Ганди АМИТ), Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ (ҳоло Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон), Институти илмӣ тадқиқотии ахбороти илмӣ-техникии Тоҷикистон (ҳоло Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Китобхонаи ҷумҳуриявии илмӣ-техникӣ

(ҳоло Китобхонаи давлатии патентию техникӣ) ва пажуҳишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотии соҳавӣ вогузор карда шудааст» (Автореф.,с. 17). Дар ҳар фасли ин боб як навгонии илмӣ мушоҳида мегардад.

Автореферати диссертатсия ба забони фасеҳи илмӣ таълиф гардида, баррасию таҳлил ва натиҷагириҳо аз таҳқиқи мавзуъ саҳеҳанд. Муҳаққиқ 21 мақола, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мунташир кардааст, ки муҳтавои диссертатсияро бозгӯ менамоянд.

Аз баррасии автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки он кори анҷомёфтаи илмӣ буда, дар муаррифӣ ва шинохти фаъолияти китобдорӣ ва библиографии солҳои 1960-1990 дар Тоҷикистон барои муҳаққиқон ёрии амалӣ мерасонад. Сохтор ва муҳтавои автореферати диссертатсия ба талабот барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) ҷавобгӯ буда, он мундариҷаи таҳқиқоти илмиро бозгӯ мекунад.

Баробари дастовардҳо дар автореферат баъзе норасоӣ ба назар расид, ки баёни онҳоро зарур меҳисобем:

1. Агар муаллиф дар таҳқиқоти хеш дар бораи таҷрибаи пешқадами китобхонаҳо ва марказҳои библиографии кишварҳои Осиёи Миёна, ки аз бисёр ҷиҳат бо китобхонаҳои Тоҷикистон шабоҳат доранд, мисолҳои мушаххас оварда метавонист, арзиши илмию амалии диссертатсия боз ҳам бештар мегардид.
2. Дар автореферата баъзе хатоиҳои имлоӣ ва техникӣ низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат хоҳад кард.

Камбудиҳое, ки иброз доштем ба муҳтавои умумии диссертатсия халал ворид намекунанд ва ислоҳпазир мебошанд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, ки барои дифоъ пешниҳод шудааст, дорои навгониҳо, бартариҳо ва дастовардҳои назарраси илмӣ мебошад.

Автореферати диссертатсияи Нодирзода Сайзароб Сайали дар мавзуи “Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (солҳои 1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот” аз рӯи моҳияти мавзуи таҳқиқшаванда, ҳадафу вазифаҳои муайяни таҳқиқот, дастрасӣ ба маводи таҳқиқшаванда, шеваи таҳқиқ, аҳаммияти назариву амалӣ ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, навгониҳо ва натиҷагириҳо ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Нодирзода Сайзароб Сайали сазовор ба дарёфти дараҷаи

илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) мебошад.

**Муқарриз:** доктори илмҳои педагогӣ,
дотсент, мушовири ректори Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон          Раҷабзода Маҳмадулло

Имзои Раҷабзода Маҳмадуллоро
**"Тасдиқ мекунам"**
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон          Насруддинзода А.Н.

«22» 09 соли 2025

**Суроға:** 734003, Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33
Тел.: +992 (37) 224-17-86; 372-24-17-86
Сомона: https://www.apa.tj/; E-mail: info@apa.tj